«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э. С.**

**«28» августи соли 2024**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01.01 – Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2024. – 192 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Омӯзиши масъалаи фолклор дар адабиёти хаттӣ яке аз самтҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ мебошад. Дар замони муосир дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии ҷаҳон доир ба ин масъала пажӯҳишҳои доманадор сурат гирифта истодааст. Доир ба таъсири фолклор ва ё халқияти асарҳои шоирони рус – А.С. Пушкин, М.Ю. Лермонтов, С. Есенин ва дигарон таҳқиқоти судманд ба нашр расидаанд. Ин гуна таҳқиқот перомуни осори адибони аврупо низ сурат гирифтааст. Ҳамчунин, дар фолклоршиносии ҷаҳон омӯзиши фолклори халқҳои гуногун бо дид ва нигоҳи нав амалӣ мегардад.

Дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик омӯзиши ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти ин ва ё он адиб хеле кам ба назар мерасад ва рисолаи Юсупова Мусабе Исломовна як намунаи хуби пажӯҳиши масъалаи таъсири фолклор ба осори нависанда Раҳим Ҷалил мебошад.

Ба назар мерасад, ки муаллифи рисола дар баробари истифодаи усулҳои таҳқиқи анъанавӣ, инчунин, бо нигоҳи нав ба омӯзиши нақш ва таъсири фолклор дар осори Раҳим Ҷалил пардохта, фолклори гурӯҳҳои иҷтимоиро низ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик сухани нав аст.

Шароити дар замони Истиқлол фароҳамомада имкон медиҳад, ки ба осори адибони асри бист аз зовия ва равзанаи воқеии илмӣ нигоҳ кунем. Раҳим Ҷалил таҳти таъсири ғояҳои сотсиалистӣ ва коммунистӣ монда, ҳикояҳояш бар зидди диндорон ва хурофот таълиф гардидаанд ва ин талаботи замон буд. Бардошти муаллифи рисола аз ин омил чунин аст, ки нависанда дар асараш дуоҳо ва ривоятҳоро истифода карда, бо ин роҳ барои нигоҳ дошта шудани онҳо саҳм гузоштааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таъйиди муҳиммияти мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиш ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявию амалии он, тарҳи умумии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои илмию пажӯҳишӣ ифодагари саҳми шахсии диссертант дар омӯзиши мавзуъ мебошанд. Инчунин, нақши шахсии муҳаққиқ дар омӯзиш ва истифодаи консепсияҳои муосири таҳқиқи адабиёт ва фолклор, таҳлилу баррасии онҳо, таълифи мақолаҳо ва гузоришҳои илмӣ ба назар мерасад. Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзуъ аз методология ва усулҳои муосири баррасии масъалаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ суд ҷустааст, ки ин ҳам саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқи мавзуъ муайян мекунад.

Унвонҷӯ ҳангоми баррасии масъалаҳои ҷанбаҳои фолклории осори Раҳим Ҷалил аз усулҳои маъмули таҳқиқӣ, ба монанди муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, қиёсӣ ва оморӣ истифода кардааст. Методҳои мазкур имкон додааст, ки дар диссертатсияи мазкур мавқеи эҷодиёти шифоҳии халқ дар осори Раҳим Ҷалил баррасӣ гардад. Бо такя бар ин метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи М.И. Юсупова аз нигоҳи баён, пайванди устувору мантиқии масоили дар бобу фаслҳои он баррасишаванда, хулосаю тавсияҳо, китобнома, замимаҳо ва ғайра ҷолиби диққат мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти муаллиф ва замимаҳо фароҳам омадааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки то кунун доир ба масъалаҳои марбут ба ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил таҳқиқоти монографӣ сурат нагирифтааст. Пажӯҳиши мавриди назар нахустин иқдоми таҳқиқи маҷмуии фолклор ва халқияти осори Раҳим Ҷалил маҳсуб меёбад. Инчунин, дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба истифодаи жанрҳои фолклор дар ашъор, ҳикоя, повесту романҳои Раҳим Ҷалил мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар асоснокии масъалагузориҳои диссертант, дарк ва шинохти истифодаи жанрҳои

фолклорӣ дар асарҳои Раҳим Ҷалил, баррасии масъалаи ҳунари нависанда дар истифодабарии офаридаҳои шифоҳии халқ зоҳир мегардад. Диссертант масъалаҳои истифодаи зарбулмасалу мақол, жанрҳои ҳамосии фолклор – афсона, қисса, ривоят ва амсоли инро дар эҷодиёти нависанда баррасӣ мекунад. Аз ин рӯ, метавон аз мавод ва натоиҷи таҳқиқи диссертант ҳангоми таълифи таърихи адабиёти асри бист, рисолаю мақолаҳо дар мавриди адабиёт ва фолклор, китобҳои дарсӣ, мураттабсозии васоити таълимӣ ва ғайра истифода намуд. Бо такмил додани замимаҳои диссертатсия метавон фарҳанги зарбулмасал ва мақолҳои осори Раҳим Ҷалилро мураттаб кард.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он дар сатҳи лозимӣ тавзеҳ шудаанд. **Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** мушаххас баён шудаанд. Диссертатсия дорои тартиби муайяни илмӣ буда, низоми таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани проблемаҳои мавриди назари диссертант мусоидат намудаанд. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия **«Нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва мақоми он дар ашъори Раҳим Ҷалил»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб диссертант доир ба рағбати Раҳим Ҷалил ба асарҳои шифоҳӣ руҷуъ карда, дар асоси навиштаҳои адиб муайян кардааст, ки ӯ аз хурдсолӣ ба афсона, ривояту нақлҳо, таронаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо таваҷҷуҳи вижа доштааст. Истифодаи маводи бойгонии нависанда ва махсусан, дафтарчаҳои қайди Раҳим Ҷалил, ки бо хатҳои лотинӣ, арабиасоси тоҷикӣ ва кириллик навишта шудаанд, далели шоиста барои омӯзиши ҷанбаҳои фолклории осори ин адиб ба шумор меравад.

Дар фасли дуюми боби якум бошад, диссертант ба масъалаи истифодаи унсурҳои фолклор дар шеъри Раҳим Ҷалил руҷуъ кардааст, ки ин ҳам мантиқӣ ба назар мерасад, зеро нависанда дар марҳилаи ибтидоии эҷодиёташ ба таълифи шеърҳо машғул буд. Диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки дар ашъори Раҳим Ҷалил аз жанрҳои фолклорӣ нақлу ривоятҳои халқӣ дар бораи маконҳои таърихӣ ва муқаддаси Хуҷанд, ӯрдаи шаҳр ва дарёи Сир, зарбулмасалу мақолҳо истифода гаштаанд (диссертатсия, саҳ. 28).

Дар ин фасли рисола достони Р. Ҷалил ва М. Аминзода «Ленинобод» аз нуқтаи назари истифодаи жанрҳои фолклорӣ таҳқиқ шудааст. Асари мазкур соли 1940 чоп гашта, то ҳадде аз доираи таҳқиқ дур монда буд.

Диссертант бартарияти истифодаи офаридаҳои бадеии халқро дар достони «Ленинобод», ғазалҳо, шеърҳои ҳаҷвӣ, шеърҳо дар васфи табиат ва шеърҳои тарғиботии Раҳим Ҷалил доир ба пахтакорию пахтачинӣ (саҳ. 29) муайян кардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил»** унвон дошта, аз ду фасл ва панҷ зерфасл иборат аст. Табиист, ки ҳикоя дар эҷодиёти Раҳим Ҷалил мавқеи назаррас дорад. Аз ин рӯ, рӯй овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои фолклории онҳо амали мантиқӣ ва илмӣ аст. Дар фасли аввали ин боб ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояҳои нависанда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки дар ҳикояҳои давраи аввали эҷодиёти Раҳим Ҷалил унсурҳои фолклор кам ба назар мерасанд, аммо дар ҳикояҳои давраи баъдиҷангӣ ва замони камолоти нависанда онҳо фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки дар ҳикояҳои нависанда бештар зарбулмасалу мақол истифода гаштаанд ва гоҳо дуо ва нақлу ривоятҳо ҳам ҷой доранд.

Дар ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда бошад, дар баробари зарбулмасалу мақолҳо нақлҳо доир ба хурофотпарастон ва танбалону коргурезон истифода гаштаанд.

Дар фасли дуюми боби дуюм диссертант қиссаи таърихии «Маъвои дил»-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар асари мазкур тарона, зарбулмасал, шугун, латифа, ривоятҳо истифода гаштаанд. Дар ин фасл унсурҳои фарҳанги мардумиро ҳам муаллиф тавсиф намудааст, ки то андозае ба таҳқиқоти мардумшиносӣ наздикӣ дорад. Махсусан, масъалаи баррасишуда доир ба таронаҳо (ашӯлаҳо)-и Хуҷанд шоистаи таваҷҷуҳ мебошанд. Андешаҳои муаллифи рисола доир ба аз байн рафта истодани аския дар Хуҷанд ба мисоли бонги изтироб аст, ки барои нигаҳдории он чораҳо бояд андешида шаванд (саҳ. 75).

Ривоятҳо дар бораи маконҳои воҳаи Хуҷанд ба монанди Унҷӣ ва Рӯмон ба таҳлили илмӣ фаро гирифта шудаанд (саҳ. 76-77).

Дар зерфасли дуюми фасли дуюми ин боб фарҳанги ҳунармандии Хуҷанд мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин зерфасл нақлу ривоятҳо дар бораи аҳли ҳунари шаҳр мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар зерфали сеюм бошад, масъалаи инъикоси урфу одатҳои мардумӣ дар «Маъвои дил» баррасӣ мегардад. Гарчанд зоҳиран дар номи ин зерфасл нуфузи этнография ба назар мерасад, аммо дар матн диссертант кӯшиш кардааст, ки ҷанбаҳои фолклории урфу одатҳоро аз асар берун кашад. Чунончи, суханони хостгорон дар таърифи домодшаванда ҳам моли фолклор аст, ки ба ин андешаи диссертант мувофиқ ҳастем (саҳ. 90-91). Андешаҳои диссертант барои мушаххас гардонидани гуфторҳои мардумӣ ҳангоми бӯрёкӯбон (саҳ. 94), одатҳои қаландарон (саҳ. 96) ва ғайра маълумоти нав дар фолклоршиносии тоҷик мебошад.

Боби сеюми диссертатсия **«Мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Мантиқист, ки асарҳои калонҳаҷми нависанда дар охир баррасӣ

гаштаанд. Дар фасли якуми боб унсурҳои фолклорӣ дар романи «Одамони ҷовид» баррасӣ гаштааст. Муаллифи диссертатсия баъди таҳлилу баррасии романи номбурда хулоса кардааст, ки «тафаккури адабии нависанда имкон додааст, ки на танҳо анвои хурд ва ё манзуми фолклорӣ, балки беҳтарин намунаҳои ривоёти қадимаро, ки дар худ аносири дини ислом ва аносири асотири қадимро таҷассум кардаанд, ба кор гирад» (саҳ. 115).

Дар фасли дуюми боби сеюм масъалаи инъикоси фарҳанги мардумии халқҳои шуравӣ дар романи «Шӯроб» баррасӣ гаштааст. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки фолклори ангиштканон дар муҳити сермиллат рушд кардааст ва барои омӯзиши он асари Раҳим Ҷалил чун манбаъ бояд истифода гардад. Фолклори лӯлиён ва қаландарон ҳам таҳлилу баррасӣ гаштааст, ки он дар доираи романи «Шӯроб» сурат гирифтааст.

**Диссертант хулоса ва натиҷагириҳояшро** дар 10 банд баён кардааст, ки аксари онҳо пояҳои устувори таҳқиқӣ дошта, қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Замимаи диссертатсия низ бори илмӣ дошта, барои таҳқиқоти фолклоршиносӣ муҳим мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҳам ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дуруст аст, ки дар марҳалаҳои аввали фаъолияти эҷодӣ Раҳим Ҷалил ҳам мисли дигар суханварони он замон тибқи талаботи сиёсию эстетикии давр амал карда, шеърҳое сурудааст, ки аз лиҳози ҳунар хеле заифанд ва дар асл арзиши ҳунарию бадеӣ надоранд. Диссертант баъзан бо овардани чунин шеърҳо, ифодаҳои тавсифиеро ба кор мегирад, ки сазовор нестанд, аз ҷумла:

Ба ваъда кардӣ вафо, қандата зан!
Барори кори ту бо ифтихор, қандата зан!

Диссертант менависад, ки «На танҳо халқияти шеърро таъмин кардааст, балки шеърро хеле хушоянду ҷолиб намудааст» (саҳ. 42).

Ва ё дар ҳамин саҳифа пас аз овардани иқтибоси зер:

Дар рӯ ба рӯи ӯ ман як фурсат истодам,
«Саркор монда нашавед» – гуфта салом додам.
«Раҳмат, канӣ, бародар, дам гиред охир ин ҷо»,
Гуфту ба меҳрубонӣ, қомат намуд боло».

Ба андешаи муаллиф «Бо ин гуна шеърҳо руҳияи халқро қавӣ кард ва бо камоли маҳорат калимаҳо ва таъбиру ибораҳои лаҳҷавиро истифода бурд, маълумоти фарҳанги моддиву (?) маънавии халқро ба кор гирифт» (саҳ. 42).

2. Дар таҳқиқи фолклоршиносӣ маводи саҳроӣ аҳаммиятноканд. Агар вазъи ин ё он жанри фолклорие, ки Раҳим Ҷалил дар асарҳояш истифода кардааст, бо гузаронидани пажӯҳиши саҳроӣ дар Хуҷанд ва ё дигар минтақаҳо қиёс мегардид, аҳаммияти илмии диссертатсия бештар мегашт.

3. Гоҳ-гоҳ тибқи имлои нав нанавиштани калимаҳо, ба мисли шӯравӣ, шурӯъ, маҷмӯа, мавзӯъ ва ғайра ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор аст.

4. Диссертант дар хотимаи ҳар боби рисола фасли алоҳида зери унвони «Хулосаҳои боби 1», «Хулосаҳои боби 2» оварда, бобу фаслҳоро хулосабарорӣ кардааст, ки ин қобили таҳсин аст, ҳарчанд дар навиштани диссертатсияҳои илмӣ ин падида маъмул нест. Аммо муҳтавои ҳамаи хулосаҳои бобҳои рисола дар қисмати «Хулоса»-и диссертатсия инъикос наёфтаанд.

5. Ҳангоми тавсифи унсурҳои фарҳанги миллӣ ба маълумоти нави дар «Донишномаи фарҳанги мардумӣ», маълумотҳои гирдовардашуда дар Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон руҷуъ мешуд, арзиши илмии рисола қавитар мегардид.

Камбудиҳои зикргардида, ба ҳеҷ ваҷҳ, арзиши рисолаи мазкурро кам намегардонанд ва ислоҳи онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии диссертатсия мегардид.

**Муҳтавои диссертатсия бо автореферат**, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф ёфтаанд, пурра мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муҳимтарин паҳлуҳои кори таҳқиқии мазкур дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидааст.

Аннотатсияи диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ моҳияти илмии таҳқиқи мазкурро ба таври фишурда инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» кори таҳқиқии комилу баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Хулоса,** диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисосҳои 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифзода Боймурод Бобопур омода гардида, дар ҷаласаи кафедра санаи 26-уми августи соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 1, аз 26.08.2024.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикии факултети
филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Муҳаммадизода Қ.М.

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифзода Б.Б.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.

**Имзоҳои дотсентон Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ, Шарифзода Боймурод Бобопур ва Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобовичро тасдиқ мекунам:**

сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: +992 (37) 221-62-25; факс: +992 (37) 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj; сомонаи расмӣ: www. tnu.tj

«27» августи соли 2024.